# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ҚАРОР

## Дар бораи шароит, тартиб ва андозаи пардохти иловапулӣ барои корҳои дорои хусусияти сайёр ва усули вахтавӣ

Мутобиқи моддаҳои 178 ва 246 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Шароит, тартиб ва андозаи пардохти иловапулӣ барои .корҳои дорои хусусияти сайёр ва усули вахтавӣ тасдиқ карда шаванд (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳои дахлдор, новобаста аз шакли моликият оид ба иҷрои талаботи қарори мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

аз 27 августи соли 2020 № 460
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 августи соли 2020, №460
тасдиқ шудааст

## Шароит, тартиб ва андозаи пардохти иловапулӣ барои корҳои дорои хусусияти сайёр ва усули вахтавӣ

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Шароит, тартиб ва андозаи пардохти иловапулӣ барои корҳои дорои хусусияти сайёр ва усули вахтавӣ шартҳо ва тартиби пардохти иловапулӣ ва андозаи онро барои кормандоне, ки бо корҳои дорои хусусияти сайёр ва усули вахтавӣ машғул мебошанд, муайян мекунанд.

2. Корҳои дорои хусусияти сайёр ва усули вахтавӣ - шакли махсуси пеш бурдани раванди меҳнат буда, берун аз ҷойи истиқомати доимии кормандон иҷро карда мешавад (ҷойи кор аз ҷойи истиқомати доимӣ бояд на кам аз 30 километр дуртар ҷойгир бошад) ва онҳо баъд аз кор барои баргаштан ба ҷойи доимии истиқоматиашон имконият надоранд.

3. Корҳои вахтавӣ тибқи ҷадвали махсуси меҳнатӣ, чун қоида бо баҳисобгирии маҷмӯии вақти корӣ ташкил карда шуда, истироҳати байнивахтавӣ бошад, дар макони зисти доимӣ пешниҳод мегардад.

4. Ҷойивазкунии кормандон бо сабаби тағйир ёфтани қитъаи (иншооти) корӣ гузариш ба кори дигар ҳисобида намешавад ва бо розигии корманд амалӣ карда мешавад.

5. Ҳайати бастии вахтавӣ дар давраи дар қитъаи (иншооти) шаҳракҳои вахтавӣ будан, бояд дар шаҳракҳои ташкилнамудаи саҳроии махсус муҷаҳҳазгардонидашудаи ба иморатҳои зист монанд зиндагӣ намоянд.

6. Усули вахтавӣ ҳангоми дур будани қитъа (иншоот) - ҳои истеҳсолӣ аз макони ҷойгиршавии ташкилот, аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнок набудани иҷрои корҳо бо усули маъмул, инчунин бо мақсади коҳиши муҳлати сохтани иншооти дорои таъиноти иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ дар ноҳияҳои дурдасту камаҳолӣ ва дар ноҳияҳои дорои суръати баланди кор ҳангоми таъмин набудани ноҳияи мазкур бо захираҳои дахлдори меҳнатӣ истифода бурда мешавад.

7. Қарор оид ба ҷорӣ намудани усули вахтавии ташкили кор аз ҷониби роҳбарияти ташкилот тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо кумитаи иттифоқи касаба, бо иҷозати мақомоти болоӣ дар асоси ҳисобҳои техникию иқтисодӣ бо дарназардошти самарабахшии истифодабарии он нисбат ба усулҳои дигари пешбурди кор қабул карда мешавад.

### 2. ТАРТИБИ ПАРДОХТИ ИЛОВАПУЛӢ БАРОИ КОРҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ САЙЁР ВА УСУЛИ ВАХТАВӢ

8. Агар ба корманд берун аз макони истеҳсолӣ хонаи истиқоматии ройгон дода нашавад ва агар ӯ имконияти ҳар рӯз ба ҷойи истиқомати доимӣ баргаштанро надошта бошад, хароҷоти кироя манзил мувофиқи меъёрҳои

муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҷуброни хароҷот ҳангоми сафари хизматӣ ҷуброн карда мешаванд.

9. Дар корхонаҳои ғайридавлатӣ тарафҳои шарикии иҷтимоӣ метавонанд дар санадҳои шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ меъёрҳои дигари иловапулиро барои корҳои дорои хусусияти сайёр ва усули вахтавӣ муқаррар намоянд, ки он аз меъёрҳо барои корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ муқарраршуда набояд кам бошад.

10. Масъалаҳои иҷрои корҳои сохтмонию васлгарии ба усулҳои вахтавӣ алоқаманд, ки дар ҳуҷҷати мазкур ба инобат гирифта нашудаанд, дар асоси меъёру қоидаҳои сохтмонӣ ба танзим даровარда мешаванд.

## 3. АНДОЗАИ ПАРДОХТИ ИЛОВАПУЛӢ БАРОИ КОРҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ САЙЁР ВА УСУЛИ ВАХТАВӢ

11. Ба кормандоне, ки бо усули вахтавӣ корро иҷро менамоянд (аз ҷумла кормандони корхонаҳои савдо ва хӯроки умумӣ, алоқа, нақлиёт, муассисаҳои тандурустӣ ва дигарон, ки хизматрасонии кормандони бо усули вахтавӣ фаъолияткунанда ба онҳо вогузор шудааст), барои ҳар рӯзи тақвимии дар давраи вахта дар ҷойи кори истеҳсолӣ будан, инчунин барои рӯзҳои амалан дар роҳ будан аз макони ҷойгиршавии корхона (нуқтаи ҷамъшавӣ) то ҷойи кор ва бозгашт, иловапулӣ барои корҳои дорои хусусиятҳои сайёр ва усули вахтавӣ ба андозаи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сафарҳои хизматӣ пардохт карда мешавад. Дигар корхона ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар шартномаҳои меҳнатӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ дигар андозаҳои иловапулии мазкурро низ муқаррар намуда метавонанд, вале он аз андозаҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар буда наметавонад.

12. Чунин иловапулӣ ба музди меҳнат, инчунин ба кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасонии корхонаҳои сохтмонию васлгарӣ, ки дар вахта кор мекунанд, пардохт карда мешавад.

13. Иловапулии мазкур ба кормандон дар ҷойи иҷрои кор пардохт карда мешавад. Иловапулӣ барои корҳое, ки дорои хусусияти сайёр ва усули вахтавӣ мебошанд, мумкин аст ба тариқи кортҳои бонкӣ пардохт карда шавад. Барои чунин хизматрасонӣ аз корманд маблағ ситонида намешавад.

## 4. ШАРОИТИ ПАРДОХТИ ИЛОВАПУЛӢ БАРОИ КОРҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ САЙЁР ВА УСУЛИ ВАХТАВӢ

14. Барои кормандоне, ки бо корҳои дорои хусусияти сайёр ва усули вахтавӣ дар сохтмон, саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металҳои қиматбаҳо, саноати ангишт, истеҳсоли барқ, коркард ва истеҳсоли нафту газ, алоқа, хоҷагии ҷангалу об, нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан, роҳҳои автомобилгард ва иншооти он, корҳои кофтуковӣ, иктишофи геологӣ, топографӣ-геодезӣ ва харитасозӣ, экспедитсияҳои илмӣ, инчунин ҳамлу нақли нафту газ, корҳои доимӣ дар роҳ, кор берун аз ҷойи истиқомати доимӣ ва корҳои дигари ҳаммонанд машғул мебошанд, иловапулӣ дода мешавад.

15. Иловапулӣ барои корҳои дорои хусусияти сайёр ба кормандон бо мақсади ҷуброни хароҷоти афзоянда вобаста ба ҳар замон кӯчонидани ташкилот ё ҷудо будани кормандон аз ҷойи истиқомат, муқаррар карда мешавад.

16. Иловапулӣ барои корҳои дорои хусусияти сайёр ба кормандоне муқаррар карда мешавад, ки дар иншооти берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимии онҳо кор мекунанд, ҳангоми зиёда аз вақти муқарраршуда дар сафари хизматӣ будан, инчунин ҳангоми сафари хизматӣ дар доираи минтақаҳое мебошанд, ки аз ҷониби онҳо хизматрасонӣ анҷом дода мешаванд.

17. Барои кори доимӣ дар роҳ, иловапулӣ барои он коре муқаррар карда мешавад, ки тибқи ҷадвалҳои махсус амалӣ мегардад ва вақти истироҳатии дар роҳи сафарбударо низ пешбинӣ менамояд.

18. Масъулият барои ташкили нигоҳдории шаҳрчаҳои вахтавӣ, хизматрасонии маишӣ, корҳои сиёсӣ - тарбиявӣ ва фарҳангӣ - оммавӣ барои истиқоматкунандагон ба зиммаи маъмурият ва кумитаи иттифоқи касабаи корхонае, ки шаҳрчаҳои вахтавӣ дар тавозуни он мебошад, вогузор карда мешавад. Аз ҷониби маъмурияти ҳамин ташкилотҳо дар мувофиқа бо кумитаи иттифоқи касаба қоидаҳои тартиботи хизматрасонии дохилӣ барои ҳамаи истиқоматкунандагони шаҳрчаҳои мазкур, тасдиқ карда мешавад.

19. Кормандоне, ки бо мақсади иҷрои ухдадориҳои меҳнатӣ ба дигар маҳалли берун аз кор сафарбар мегарданд ва агар корфармо онҳоро бо нақлиёт таъмин накунад, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҷуброни хароҷоти нақлиётии кормандон ҳангоми сафари хизматӣ ҷуброн карда мешавад.